Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст
(Душанбе, 2023. – 28 саҳ).

Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Лозим ба зикр аст, ки нуктаи бисёр гӯё дар робита ба муҳим шинохтани аҳаммияти ҳуқуқҳои кӯдак ҳангоми татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ба вуҷуд овардани сохтори муассири меъёриву ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи умумии ин сохтор аз мусоидату кумак ба ҳамгироии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва инкишофи муштараки қонунгузорӣ, бо назардошти низоми идоракунии мушаххаси ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад.

Ҳарчанд дар дунё дар ростои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак пешрафту дастовардҳои муҳимме ҳосил шуда бошад ҳам, вале бо назардошти фаъолиятҳои анҷомгирифта дар давлатҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд, ин пешрафтҳо мутафовит мебошанд.

Ба назари мо, дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва муассирияти раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмуи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла таҳвияти асосҳои назарияи вазъи ҳуқуқҳои кӯдак, ҳамчунин ҳалли бархе аз мушкилоти вобаста ба

таъмини ҳолати ҳуқуқии кӯдак ва татбиқи ҳуқуқҳои вай дар таҷриба ва эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ нисбат ба шахсони ба синни ҳаждаҳ сола нарасида ҳангоми баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо маъмулан аз мафҳумҳои "қобилияти ҳуқуқӣ", "мукаллафият", "вазъи махсуси ҳуқуқӣ" истифода мешавад. Аз ҳуқуқҳои кӯдак дар матни ҳуқуқҳои инсон ёдоварӣ мешаванд, аммо аз нигоҳи мо дар даврони муосир, бо таваҷҷуҳ ба афзоиши хатарот, вуҷуди тамаддуни ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун гурӯҳ ва категорияи ҷудогона дар низоми ҳуқуқи инсон, аз аҳаммияти бунёдӣ (фундаменталӣ) бархӯрдор мегардад. Назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илми хулосавӣ барои таҳвияти ҳолатҳои умуминазариявии мафҳуми дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътирофшудаи "ҳуқуқҳои кӯдак" асбобу олот ва воситаҳои зарурии илмӣ дар ихтиёр дорад. Бинобар ин, ба назари мо, омӯзиши нисбатан муфассали асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқии кӯдак ба сифати системаи идеяҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва таъмини мақоми ҳуқуқии вай, тасаввур ва маълумоти комил дар хусуси моҳият ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ироа медиҳад, ки дар ин муносибат шахсони ноболиғ ҳам ширкат менамоянд.

Новобаста аз ин, инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Абдулхайрзода Ҷамила ба паҳлӯҳои норавшани масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ бахшида метавонад гуфт, ки дар оянда оиди масъалаи ҳуқуқҳои кӯдакон дар ҷомеа масъалаҳоро ҳаллу фасл намояд, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ оид ба

ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Аз инҷо фаҳмида мешавад, муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия саҳми беандоза дорад ва аз забони русӣву англисӣ бархурдор аст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Дар аксари кишварҳои хориҷӣ бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати таъсис додани мақоми ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – Ваколатдор ё комиссияҳои махсус таъсис дода шудааст. Дар кишвари мо бошад, бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2015 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун зерсохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Пешниҳод менамоем, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак чун ниҳоди мустақил дар алоҳидагӣ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият намояд (сах. 12). Дар автореферат масъалаи мавриди назар пурра шарҳ дода нашудааст. Хубтар агар мебуд диссертант оиди масъалаи мазкур пурра маълумот пешкаш менамуд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи « Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:

Декани факултети сармоягузорӣ
ва менеҷменти байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Данғара
номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, и.в., дотсент Қодирзода С.М.

13.03.23

Суроғ:

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735320,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
тел.: 8-33-12-2-28-06 , факс 73-53-20, E -mail:dddangara_2013mail.ru

Имзои Қодирзода С.М.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Ҷабори Н.Ҷ.